«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон н.и.и., дотсент Абдуалимзода Ҳ.А. ________
«10» ____04____ соли 2024

**Хулосаи**
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Диссертатсияи Султон Бахтиёр дар мавзуи «Таъсири маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Султон Бахтиёр унвонҷӯи кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Таҳқиқот оид ба омӯзиши пурраи мавзуи рисолаи илмии Султон Бахтиёр аз соли 2021 дар кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон оғоз гардидааст.

Султон Бахтиёр соли 1998 Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, соли 2004 Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва соли 2011 Академияи умумироссиягии давлатии андози Вазорати молияи Федератсияи Россияро хатм кардааст. Аз соли 2008 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаҳои гуногун фаъолият намуда истодааст. Аз соли 2019 инҷониб ба ҳайси муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад. Номбурда бо фармоиши ректори ДДМИТ аз 30.10.2021, № 88/и-д ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи андоз ва андозбандӣ қабул карда шудааст.

Мавзуи диссертатсияи Султон Бахтиёр дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тахти суратҷаласаи №9/5.9 аз 29 апрели соли 2022 баррасӣ ва тасдиқ гардида, роҳбари илмӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Шералиев Эмомалӣ Нуралиевич таъин гардидааст.

Султон Бахтиёр имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 4 (хуб) дар санаи 14.06.2022, таърих ва фалсафаи илм бо баҳои 5 (аъло) дар санаи 28.01.2023 ва имтиҳони номзадӣ (минимум) аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. - Молия, гардиши пул ва қарзро бо баҳои 5 (аъло), аз 15.03.2024 дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон супорида, соҳиби шаҳодатнома гардидааст.

Диссертатсияи Султон Бахтиёр дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои андозбандӣ ва суғурта ва молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди

Тоҷикистон ба таври ошкоро аз «08» 04 соли 2024, суратмаҷлиси №09 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Таъсири маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мақсади таҳқиқот -** ин омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва системавии таъсири маъмурикунонии андоз ба рушди соҳибкории хурду миёна ва пешниҳодҳои мушаххас оид ба самаранокии фаъолияти мақомоти андоз дар ҷамъоварии саривақтии маблағҳои андозӣ ба буҷет махсуб меёбад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Ноил гардидан ба мақсади гузошташуда, ҳалли вазифаҳои зеринро тақозо менамояд:

- таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии ташаккули маъмурикунонии андоз дар рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна;
- арзёбии принсипҳо ва хусусиятҳои хоси андозбандӣ ва маъмурикунонии он дар бахши соҳибкории хурду миёна дар шароити муосир;
- таҳлили вазъи низоми андозбандӣ ва арзёбии дараҷаи самаранокии маъмурикунонии он дар рушди бизнеси хурду миёна;
- омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ оиди маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна ва пешниҳоду истифодаи усулҳои пешқадами он барои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- асоснок намудани самтҳои асосии дастгирии давлатии рушди соҳибкории хурду миёна дар раванди маъмурикунонии андоз;
- пешниҳоди роҳҳо ва усулҳои афзалиятноки маъмурикунонии андоз ва таъсири он ба рушди соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаб дар он муайян мегардад, ки иҷрои нақшаи кори илмӣ, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асоснокнамоӣ, мақсад, вазифаҳо, мубрамият ва муҳиммияти он аз ҷониби диссертант таҳия гардидааст. Тавсияҳои кори илмӣ метавонанд ҳангоми такмил ва татбиқи амалии сиёсати андозӣ, такмили маъмурикунонии андоз дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла бизнеси хурду миёна, ҷорӣ намудани шакли махсуси андозбандӣ, назорату санҷишҳои андозӣ ва таъмини самараноки фаъолияти мақомоти андоз дар кишвар мавриди истифода қарор дода шавад. Пешниҳоди алоҳидаи муаллиф аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қисман дар рафти такмили Кодекси андоз мавриди амал қарор дода шудааст.

**Объекти таҳқиқот** - ин низоми маъмурикунони андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна ва фаъолияти мақомоти андоз оиди ҷамъоварии саривақтии маблағҳои андозӣ ба буҷет масҳуб меёбад.

**Мавзуи таҳқиқот** - ин муносибатҳои андозӣ-иқтисодие мебошад, ки дар раванди таъсири маъмурикунони андоз ба рушди соҳибкории хурду миёна ба вуҷуд меоянд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** асарҳои олимони иқтисодшиносони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба низоми маъмурикунонии андоз ва таъсири он ба рушди соҳибкорӣ, бахусус соҳибкории хурду миёна, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзими низоми андозӣ, барномаҳои давлатии маъмурикунонии

андоз, стратегия ва барномаҳо оид ба дастгирии давлатии рушди соҳибкорӣ, таҷрибаҳои кишварҳои давлатҳои хориҷӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маъмурикунонии андоз, сатҳу сифати хизматрасониҳои андозӣ ва дар заминаи он таъмини саривақтии воридшавии маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ мебошад.

Дар раванди тадқиқот усулҳои зерин: усули монографӣ, таҳлили оморӣ, усули математикӣ-иқтисодӣ, анализ ва синтез, усули демографию қиёсӣ ва усули таҷрибавию озмоишӣ истифода бурда шуданд. Истифодаи усулҳои мазкур натиҷабахши таъсири маъмурикунонии андоз ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла бизнеси хурду миёна буда, ҷорабиниҳои дастаҷамъонаи назорату санҷишҳои андозӣ, асоснок намудани натиҷаҳои назариявӣ-амалӣ, хулосаю пешниҳодҳоро таъмин менамоянд.

**Навгонии таҳқиқоти илмиро** асоснок намудани ҷанбаҳои назариявӣ ва системавии таъсири маъмурикунонии андоз ба рушди соҳибкории хурду миёна, пешниҳоду тавсияҳои амалӣ ҷиҳати беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасониҳои андозӣ ва дар заминаи он ҷамъоварии ҳаҷми бештари маблағҳои андозӣ ба буҷет ташкил медиҳад. Унсурҳои асосии навгонии илмӣ инҳоянд:

- дар асоси омӯзиш ва ҷамъбасти дастаҷамъонаи назарияҳои мухталиф андешаи муаллиф оид ба маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна пешниҳод гардидааст, ки он ба самаранокии фаъолияти мақомоти андоз ва ҷамъоварии саривақтии маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ, ҳавасмандиҳои андозӣ-молиявии субъектҳои соҳибкорӣ ва самаранокии рушди иқтисодиёти кишвар нигаронида шудааст;

- принсипҳо, хусусиятҳои хосу низоми махсуси андозбандӣ ва маъмурикунонии он дар рушди соҳибкории хурду миёна нишон дода шудааст, ки он ба такмили низоми андозӣ, ҷори намудани меъёру шаклҳои махсуси андозбандӣ, беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонӣ ба субъектҳои бизнеси хурду миёна, истифодаи оқилонаи имтиёзҳои андозӣ равона гардида, бо назардошти таҷрибаи маъмурикунонии андоз дар кишварҳои хориҷӣ муайян ва мушаххас гардидаанд;

- вазъи кунунии низоми андозбандӣ дар минтақаҳои кишвар мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор гирифта, раванди маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна, аз ҷумла, меъёру шаклҳои махсуси андозбандӣ ва низоми соддакардашудаи маъмурикунонии он, истифодаи самаранокии имтиёзҳои андозӣ, ҷораҳои дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ, нишондиҳандаҳои асоси баҳои самаранокии фаъолияти мақомоти андоз муайян, қиёс ва баҳодиҳию натиҷагирӣ карда шудаанд;

- самтҳои асосии таъсири маъмурикунонии андоз ба рушди соҳибкории хурду миёна пешниҳод гардидааст, ки он ба истифодаи технологияҳои пешқадами хизматрасониҳои андозӣ, дастгири давлатии рушди соҳибкории хурду миёна, ҳавасмандии андозӣ-молиявии бизнеси хурду миёна ва дар заминаи он ҷалби бештари сармоя ба рушди иқтисодиёти кишвар нигаронида шудааст;

- ҷораҳои дастгирии давлатии рушди соҳибкории хурду миёна ва маъмурикунонии андоз муайян ва мушаххас гардидааст, ки он ба амалкарди механизми нави назорату санҷишҳои андозӣ, кам кардани таъсири онҳо ба соҳибкории хурду миёна, баланд бардоштани сатҳу сифати маъмурикунонии андоз нигаронида шудааст ва онҳо имкон медиҳанд, ки

самаранокии низоми андозӣ ва ва таъмини иқтидори андозии кишвар таъмин карда шавад;

- роҳҳо ва усулҳои асосии самаранокии маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна таҳқиқ ва пешниҳод карда шудааст, ки он ба баланд бардоштани уҳдадории андозсупории субъектҳои соҳибкорӣ, ҳавасмандии молияви бизнеси хурду миёна, сарфаи вақт ва харочотҳои камтарин дар низоми андозбандӣ, инчунин воридшавии ҳаҷми бештари маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ равона карда шудааст.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки илм:** Тавсияҳои кори илмӣ метавонанд ҳангоми такмил ва татбиқи амалии сиёсати андозӣ, такмили маъмурикунонии андоз дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла бизнеси хурду миёна, ҷорӣ намудани шакли махсуси андозбандӣ, назорату санҷишҳои андозӣ ва таъмини самараноки фаъолияти мақомоти андоз дар кишвар мавриди истифода қарор дода шавад. Пешниҳоди алоҳидаи муаллиф аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қисман дар рафти такмили Кодекси андоз мавриди амал қарор гирифта, дар бахши соҳибкории хурду миёна ба инобат гирифта шуда, инчунин дар оянда бо мақсади таъсири маъмурикунонии андоз метавонанд мавриди истифода қарор гиранд.

**Санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ:** Истифодаи баъзе муқарраротҳои диссертатсия бо барномаҳо ва стратегияҳои давлатии рушди соҳаҳои иқтисодиёти миллии кишвар ва фаъолияти соҳибкорӣ алоқаи зич дорад. Натиҷаҳои илмӣ тадқиқоти мазкур ҷиҳати татбиқи амалии ҳадафҳои Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар бахши андозу молия, ҳангоми таҳия ва қабули барномаҳои «Буҷетикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то давраи солҳои 2025» ва дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳия ва амалии намудани барномаҳои такмили маъмурикунонии андоз истифода бурдан мумкин аст.

Ҳамзамон, коркарди илмии рисолаи мазкур дар раванди омузиш дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва курсҳои такмили ихтисоси кормандони мақомоти андоз, ҳангоми омӯзиши курсҳои таълимии «Андоз ва андозбандӣ» ва «Маъмурикунонии андоз» истифода бурда шуданд.

Диссертатсияи Султон Бахтиёр дар мавзуи «Таъсири маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. - Молия, гардиши пул ва қарз мутобиқат мекунанд:

б.1.1. Равандҳои методологию сохтории ташаккули системаи молиявӣ;

б.1.3. Назария ва методологияи таъсири системаи молиявӣ дар натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ;

б.2.4. Пешгӯӣ ва банақшагирии буҷетию андозӣ дар иқтисоди бозорӣ;

б.2.5. Танзими андоз дар бахшҳои иқтисодиёт; 2.6. Назарияи танзими системаи буҷетию андозӣ;

б.2.9. Асосҳои назариявӣ, афзалиятҳои сиёсати андозӣ ва самтҳои асосии ислоҳоти системаи андозӣ.

Вобаста ба маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ 9 - мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 - тои он дар маҷаллаҳои шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 2,6 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар нашрияҳои зерин инъикос ёфтааст:

**ЕМақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

[1-М]. Султон Бахтиёр. Ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир [Матн] С. Бахтиёр., Э.Н. Шералиев., С. Халифазода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 2022. - № 1(40). - С. 258-265.

[2-М]. Султон Бахтиёр. Ҷанбаҳои назариявии низоми маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна [Матн] С. Бахтиёр., Э.Н. Шералиев // Паёми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 2022. - № 1(30). - С. 149 - 158.188М2663-0389.

[3-М]. Султон Бахтиёр. Ҷанбаҳои методологии маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна [Матн] С. Бахтиёр //Паёми идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2023.-№ 3 (61). - С. 145-151.188^ 2664-0651.

[4-М]. Султон Бахтиёр. Дастгирии давлатии рушди соҳибкории хуруду миёна ва маъмурикунонии он дар шароити муосир. [Матн] С. Бахтиёр., Э.Н. Шералиев // Паёми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 2023. - № 1(30). - С. 149 - 158.188М2663-0389.

[5-М]. Султон Бахтиёр. Нишондиҳандаҳои баҳои самаранокии маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна [Матн] С. Бахтиёр. // Паёми ДДТТ, 2024. - № 1(51). - С. 167-173.

[6-М]. Султон Бахтиёр. Нақши ҳавасмандиҳои андозӣ-молиявӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна [Матн] С. Бахтиёр., Шомуродов А. Маҷалаи "Кишоварз". -№1 (102), 2024. -С. 268-272. ISSN 2074 -5435.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

[7-М]. Султон Бахтиёр. Ташаккули низоми маъмурикунонии андоз ва таъсири он ба рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон[Матн] С. Бахтиёр., // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону устодон ва донишҷӯён ДДМИТ аз рӯи натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» (2019-2021) баргузор гардид, ш. Душанбе (12-17 апрели соли 2021). -С. 349-351.

[8-М]. Султон Бахтиёр. Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна. [Матн] С. Бахтиёр., Э.Н. Шералиев // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Арзёбии ҳолати фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»,

бахшида ба солҳои рушди саноат 2022-2026, ш. Душанбе (6-уми майи соли 2023). -С. 356-361.

[9-М]. Султон Бахтиёр. Нақши имтиёзҳои андозӣ дар таъмини амнияти иқтисодии Тоҷикистон. [Матн] С. Бахтиёр., Э.Н. Шералиев // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзӯи «Масоили муҳими амнияти иқтисодии Тоҷикистон ва кишварҳои ҷаҳон дар шароити муосир (Кулоб, 9-10. 06.2023)".- С. 113-115.

**Ҷаласа қарор қабул кард:**

1.Диссертатсияи Султон Бахтиёр дар мавзуи «Таъсири маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. - Молия, гардиши пул ва қарз таҳқиқоти анҷомёфта ҳисобида шавад.

2.Диссертатсияи Султон Бахтиёр дар мавзуи «Таъсири маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. - Молия, гардиши пул ва қарз бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди ДДМИТ барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

3. Қарори ҷаласаи якҷояи кафедраҳои андозбандӣ ва суғурта ва молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз «08» 04 соли 2024, суратмаҷлиси №9 тасдиқ карда шавад.

Хулосаи ҷаласаи якҷояи кафедраҳои андозбандӣ ва суғурта ва молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон: Иштирок доштанд: ҳамагӣ - 30 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ - 25 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 25 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ., дотсент,**
**и.в. мудири кафедраи андозбандӣ**
**ва суғуртаи ДДМИТ** **Исломов Т.С.**

**Котиби ҷаласа:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ., дотсент,**
**и.в. мудири кафедраи молияи ДДМИТ** **Убайдуллозода Ф.У.**

**Дурустии имзоҳои Исломов Т.С. ва Убайдуллозода Ф.У.-ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДДМИТ** **Шарипов У.А.**